Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-013 назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи 17, хонаи 1. телефон: +992(3422)23811 факс: +992(3422)25170; e-mail: tsulbp@rambler.ru)

# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Сафарзода Сафармад Саид дар мавзуи «Такмили механизмҳои дастгирии сармоягузории сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа (дар асоси маводҳои ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иктисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақави ва ҳудудӣ**

**1. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия ба талаботи сархатҳои зерини шиносномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ: 13. Сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат дар сатҳи минтақаҳо, таҳлили хусусиятҳо ва арзёбии самаранокии сиёсати иқтисодии давлат дар сатҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, минтақаҳо, шаҳрҳо, воҳидҳо ва ҳудудҳо; 15. Мақсадҳо ва механизмҳои сиёсати давлатии тараққиёти минтақаҳо. Шаклҳо ва механизмҳои баҳамтаъсиррасонии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми ҳалли масъалаҳои асосии рушди иҷтимоию иқтисодӣ. Проблемаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии худидоракунии маҳаллӣ; 25. Таъминоти инвеститсионии минтақаҳо. Танзими инвеститсияҳо дар минтақаҳо. Лоиҳаҳои инвеститсионии ҳудудӣ. Муҳити сармоягузорӣ бо назардошти воҳидҳои минтақавию ҳудудӣ. Баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ ва самаранокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар минтақаҳо ҷавобгӯ мебошад.

**2. Мубрамияти мавзуи таҳқиқ.** Мавзуи таҳқиқотӣ дар шароити муосир ва бо назардошти тағйироти куллӣ дар низоми иқтисодии минтақа ва ҷаҳон мубрам ва саривақтӣ мебошад. Ҳамон гуна, ки аз таҳқиқу мушоҳидаҳо бар меояд, масъалаи сармоя ва сармоягузорӣ дар кишвар ба як падидаи муҳим табдил ёфтааст, зеро дар шароити торафт ноустуворгардии иқтисоди ҷаҳон тақвиятбахшии иқтисоди миллӣ ва махсусан минтақаҳои он шарти зарурии таъмини суботи иқтисодӣ-иҷтимоӣ маҳсуб меёбад. Дар асоси маълумотҳои оморӣ, ҷалби сармоя ва сармоягузорӣ дар кишвар ба таври қобили тазаккур ва бо маром дар ҳоли афзоишёбӣ қарор дорад, аммо новобаста аз он, минтақаҳои кишвар тибқи тақозои замони муосир равнақ надоранд, чунин ҳолат дар шароити торафт босуръатшавии рақобат дар бозорҳои минтақавию ҷаҳонӣ

барои иқтисоди миллӣ манфиатовар нест. Ногуфтан намонад, ки дар шароити муосир ҷалби сармоя омили асосии тавсеабахшандаи раванди иқтисодӣ-иҷтимоӣ махсуб меёбад. Аз ин хотир, дар таҳқиқот бо назардошти аҳаммияти сармоягузорӣ ба минтақа назарот ва андешаҳое пешниҳод гардидаанд, ки мубрамияти таҳқиқотро дучанд мегардонанд.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Натиҷаҳои нисбатан назаррас ва қобили таваҷҷуҳ, ки фарогири асоситарин унсорҳои навгонӣ мебошанд, дар муқаррароти зер мавриди пешниҳод қарор дода шудаанд:

- мафҳуму муҳтаво ва махсусан равишҳои асосии механизми дастгирикунии сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоӣ мухтасаран мушаххас карда шудаанд. Моҳияти "механизми сармоягузорӣ"-ро ба унвони маҷмуи имкониятҳои сармоягузорӣ барои минтақа арзёбӣ гардида, муаллиф иброз доштааст, ки он ҳамчун инъикоснамояндаи захираҳои моддӣ ва ғайримоддӣ буда, иловатан механизми сармоягузорӣ ҳамчун василаи аслии тараққидиҳандаи истеҳсолот баромад менамояд, бинобар ин, босамар истифодабарии он ба таври қобили назар, аз имкониятҳои маблағгузорӣ ба субъектҳои гунугони иқтисодиёт ва дороиҳои дарозмуҳлат вобастагӣ дорад, ба ҷуз аз ин, дар рафти таҳқиқот дастгоҳи назариявии дараҷабандии механизми дастгирии сармоягузории минтақа мушаххас гардидааст;

- шартҳои такмили механизми дастгирии сармоягузории сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа ҳамчун фароянди муттаҳидсози заминаҳо барои татбиқи фаъолияти сармоягузорӣ, ҷолибияти сармоягузорӣ ва имконоти сармоягузориҳо дар пояи истифодаи оқилонаи иқтидори табиӣ-захиравӣ, демографӣ ва иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа мушаххас шудаанд;

- хусусиятҳои такмил ва тақвиятбахшандаи механизми дастгиринамоии иқтисодӣ-иҷтимоии равнақдиҳандаи ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар асоси арзёбию таҳлилнамоии таъминнокӣ бо захираҳо, сатҳи босамарӣ бо назардошти мушаххассозии омилҳо ва шарту шароити афзоишдиҳандаи ҷараёни сармоягузориҳо ба минтақа аниқ гардидаанд;

- ташаккул ва татбиқи шароити созгор барои истифодабарии механизми дастгиринамоии сармоягузориҳо, ҳамчунин ҷиҳати баландбардории сатҳи фаъолнокии сармоягузории субъектҳои хоҷагидорӣ ва ривоҷи соҳибкорӣ, равишҳои дастгиринамоии сармоягузориҳо, ки имкон доранд дар роҳандозию татбиқи чораҳои дахлдор барои беҳдоштнамоии низоми ҳавасмандсозии таъмини ҷолибияти сармоягузориҳо ба НТҶ мусоидаткунанда асоснок карда шудаанд;

- собит гардидааст, ки самтҳои асосии такмили механизми дастгирии сармоягузориҳо бо чунин роҳҳо метавон асоснок намуд: коркарди низоми

чораҳои мушаххас барои равнақу густариши навъҳои дастгирии сармоягузории унвонӣ бо дарназаргирии дурнамои рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа ва мукаммалнамоии сиёсати сармоягузории минтақавӣ; асоснокнамоии зарурати такмили танзими давлатӣ ҳангоми шаклгирии механизми буҷетӣ-андозӣ ва дастгириҳо ҷиҳати фаъолнокнамоии фаъолияти сармоягузорӣ ва истифодаи асарбахшонаи иқтидори сармоягузорӣ дар минтақа; такмили механизми давлатии танзими фаъолияти сармоягузорӣ бар асоси таҳрики фаъолнокии фароянҷҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ бо мақсади вусъатбахшии ҳадафҳои рушди устувори минтақа;

- муносибат ва равишҳо доир ба пешниҳоди муносибатҳо дар самти шаклгирии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаҳои нисбатан афзалиятдоштаи иқтисоди минтақа бар асоси ташаккули низоми якшаклаи мониторинги тавсеаи иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа, ки метавонад сарихвақт арзёбинамоии фароянҷҳои ноил шудан ба ҳадафҳо барои рушди иқтисодии минтақа зарур, дақиқнамоии шароити ташкилӣ-иқтисодии муносибгардонии тавсеаи иқтисодӣ-иҷтимоӣ бо назардошти истифодаи оқилонаи иқтидори имконият барои татбиқу таҳрики ҳадафҳои рушди устувори иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа мавриди коркард ва пешкаш қарор дода шуда, механизмҳои такмили давлатии танзмикунандаи фаъолияти сармоягузориҳо дар минтақа мушаххас гардидаанд.

Дар маҷмуъ пешниҳодҳои ироашуда, хусусияти мусбӣ ва аҳаммияти қобили таваҷҷуҳ доранд, аз ин лиҳоз, дар амал татбиқнамоии онҳо чӣ аз ҷониби мақомот ва ниҳодҳои давлатӣ ва чӣ аз ҷониби соҳибкорон метавонад дар ҷалби сармоя ба минтақа муосидат намояд. Пешниҳоди дарҷгардида бо назардошти ҳолати воқеӣ ва имконоти дар маҳалҳои минтақа мавҷудбуда коркард ва бозомӯзӣ гардида, мавриди пешниҳод қарор дода шудаанд.

**4. Асоснокӣ ва этимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Хулоса ва натиҷаҳои дар диссертатсияи Саидзода Сафармад Саид пешниҳодгардида, аз таҳлилу баррасии оқилонаи маводҳои зарурии илмӣ, омӯзиши хусусиятҳои хоси минтақаи таҳқиқшаванда мавриди пешниҳод қарор дода шудаанд. Ҳолати воқеӣ ва дурнамои ҷалби сармоя дар асоси коркардҳо ва ҳисобнамоиҳои маълумотҳои оморӣ мушаххас гардидаанд, муқаррароти дар таҳқиқот пешкашшуда, ки асоси воқеии онро маълумотҳои оморӣ ташкил медиҳанд ифодагари ҳолати воқеӣ ва роҳу усулҳои густариши сармоягузориро барои ояндаи минтақа мушаххас мегардонанд. Самтҳои асосӣ, хулоса ва тавсияҳо бо далелҳои қатъӣ асоснок гардида, инъикосгари таҳлили илмии анҷомшуда маҳсуб меёбанд. Хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои диссертатсия дар асоси маълумоти омории солҳои охир, таҳлили вазъи воқеии иҷтимоию иқтисодии ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, таҳқиқи омилҳои мухталифи ба раванди

сармоягузорӣ таъсиррасон, инчунин таҷрибаи кишварҳои мухталиф баҳри вусъатабхшии ҷараёни сармоягузориҳо асоснок карда шудаанд.

**5. Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва пешниҳодҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, муҳтавои кор дар 205 саҳифаи матни компютерӣ баён гардидааст, ки шомили 13 расм, 21 ҷадвал ва 1 диаграмма мебошад. Феҳристи адабиёти истифодашуда 235 номгӯй сарчашмаҳои мавриди истифода қарор гирифта, аз ҷумла асарҳои муаллифони ватанӣ ва хориҷиро дар бар мегирад.

Дар боби якуми диссертатсия «**Асосҳои назариявии ташаккули сиёсати миллии иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва механизми дастгирии сармоягузории он**» муаллиф ҷанбаҳои назариявии шаклгирӣ ва дастгирии сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии минтақаро мавриди омӯзиш қарор дода, принсипҳои асосӣ ва омилҳои дастгирии сармоягузории рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минтақаро омӯхтааст.

Муаллиф иброз медорад, ки бо гузариш ба иқтисоди бозорӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон баробари дигар кишварҳои таҳти нуфузи иқтисоди нақшавӣ қарор дошта, сармоя ва ҷалби сармоягузориро барои расидан ба ҳадафҳои рушди устувор, ба унвони мубрамтарин мақсад пеша намуд, аз ин ҷиҳат, дар кишвар истилоҳҳои мансуб ба сармоягузорӣ, ба монанди "сармоя-сармоягузорӣ", "фаъолнокии сармоягузорӣ", "ҷолибияти сармоягузорӣ" ва ибора, мафҳумот, истилоҳҳоти мухталифи хоси шакли нави фаъолияти хоҷагидорӣ мавриди истифода қарор гирифтанд. Дар иқтисоди нақшавӣ, ки дар он пешбурди фаъолияти иқтисодӣ бар асоси низоми маъмурӣ-идоравӣ амалӣ мегашт, ҳангоми таҳлили раванди такрористеҳсолот истилоҳи сармоя истифода намегардид. Дар низоми нақшавии идоранамоии иқтисод асосан истилоҳи маблағгузориҳои асосӣ истифода мегардид (с. 20-21).

Зикр гардидааст, ки дар шароити кунунӣ, барои ҷалби ҳарчи бештари сармоя ва сармоягузорони эҳтимолӣ пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ, гумрукӣ ва ҳамзамон эълони таътилҳои андозӣ барои субъектҳои мухталифи сармоягузорикунанда мувофиқи мақсад арзёбӣ мегардад. Иловатан, яке аз роҳҳои ҷалби сармоя ба минтақа ин пешниҳоди лоиҳаҳои ниҳоят сердаромад ва ҳамзамон пешниҳоди дороиҳо ва захираҳои табиии минтақа ба шумор меравад (с. 38).

Дар доираи зербоби 1.2. муаллиф қайд менамояд, ки имконоти сармоягузории минтақа ва бартариятҳои он, объекти аслии ҷалби сармоягузорони эҳтимолӣ маҳсуб меёбад, аз ин хотир, ифшо ва пешкаши ин имконятҳо зарур ба шумор меравад. Тафовутҳои фосилавӣ дар таъмини захираҳо, сатҳи равнақи иқтисодӣ, сифати зиндагии аҳолӣ, инфрасохтори

таҷҳизотӣ, ҳолати экологӣ, низоъҳои миллӣ ва иҷтимоии марбут ба ҳама кишварҳо новобаста аз мавқеъ ва нуфуз дар ҷаҳонро ба миён меорад (с. 39).

Ба андешаи муаллиф, авҷ ва равнақу густариши сармоягузориҳо аз муҳити сармоягузориҳо вобастагии зиёд дорад, шукуҳи сармоягузорӣ аз доираи иштирокчиёни ин раванд, равобиту ангезаҳои онҳо алоқаманд мебошад. Иқтидори сармоягузории минтақа аз як қатор омилҳо вобаста мебошад, ки муҳимтаринашон сатҳи равнақу тавсеа, инфрасохтори дар минтақа мавҷудбуда, қобилияти азхуднамоии минтақа, иқтидории татбиқи навовариҳо, иқтидори зеҳни аҳолии дар минтақа зистнамоянда ва захираҳои мавҷудбуда ба шумор мераванд. Иқтидори сармоягузории минтақа, иловтан аз хусусият ва иқтидори табиӣ ва мавқеи ҷуғрофии минтақа низ вобаста мебошад (с. 40).

Муаллиф иброз намудааст, ки афзоиши сармояи мустақим ба иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон омили мусоидатовар барои равнақи соҳаҳои хоҷагидории миллӣ маҳсуб меёбад. Он дар қиёс аз сармоягузориҳои ҷомадонӣ, ки муҳлатнок, бозгарданда ва воситаҳои пулии музднок мебошанд, бо равнақи бахши воқеии иқтисодиёт, технологияҳои муосир алоқамандии зич доранд, албатта зимни истифода аз равишҳои муосири идоракунӣ ва фаъолияти маркетингӣ (с. 52).

Дар зербоби 1.3. муаллиф таҷрибаи хориҷии таъмини сармоягузории равнақи иқтисодӣ-иҷтимоии минтақаҳоро мавриди омӯзишу таҳлил қарор додааст. Муаллиф қайд намудааст, ки айни ҳол, шумораи зиёди давлатҳо ҷараёни вуруди сармояи хориҷиро ҳамаҷониба дастгирӣ ва таҳрик менамоянд, барои ҷалби сармояи хориҷӣ дар самти қонунгузориҳо мусоилаҳакориҳо тақвият дода шуда, тағйиру иловаҳои зиёд ба онҳо ворид карда мешаванд, дар баъзе кишварҳо бошад, барои беҳдошти фазои сармоягузорӣ қонунҳои навро мавриди тасвиқ ва қабул қарор медиҳанд. (с. 57-58).

Боби дуюм **«Вазъи муосир ва тамоюли рушди сармоягузории иқтисодӣ-иҷтимоии Тоҷикистони марказӣ»** таҳқиқ гардидааст. Дар ин боб муаллиф бар асоси маводҳои мавҷуда, иттилооти оморӣ ҳолати воқеии раванди саромягузорӣ ба минтақаро мавриди таҳлил қарор додааст.

Ба андешаи муаллиф, тафриқаи иқтисодӣ-иҷтимоӣ байни минтақаҳо ва субъектҳо он қадар назаррас мебошад, ки нодида гирифтани он қобили таваҷҷуҳ нест. Афзоиши мудавоими тафриқаи иқтисодӣ-иҷтимоӣ, зарурати равнақи технологияҳои номувозинатии ҳудудиро ба бор оварда, ҳамзамон методологияи андозагирии сатҳи тафовутҳои ҳудудии ҷойдоштаро бо мақсади идоранамоии ассиметрии ҳудудӣ ба миён овард (с. 78).

Муаллиф изҳор доштааст, ки мақомоти ҳокимияти минтақавӣ дар равобити дуҷониба бо аҳолии минтақаҳо, муҳити зисти онҳо, дар худ

алоқамандии мураккаби иқтисодӣ, иҷтимоӣ, табиӣ, ҳуқуқӣ ва дигар қисматҳои муҳитро ифода менамояд. Бо ин сабаб, мо метавонем тафовутҳои назаррасро дар сатҳи зисти аҳолии минтақаҳо, ки дар як минтақаи табиӣ-иқлимии дорои ҳаҷми кофии сармояи инсонию ҷисмӣ ва дигар мавқеъҳои бо ҳам алоқаманди иқтидори иқтисодӣ қарор доранд, мушоҳида намоем (с. 79).

Дар зербоби 2.2. муаллиф арзёбии шароит ва омилҳои дастгирии давлатии равнақи иқтисодӣ-иҷтимоии минтақаро мавриди таҳлил қарор дода, иброз намудааст, ки бо мақсади коркарди сиёсати асарбахшонаи сармоягузорӣ, таҳлили маҷмуӣ ва низоми фаъолияти сармоягузории субъектҳои хоҷагидории инъикоскунандаи самт ва дараҷаи оқилона истифоданамоии захираҳои сармоягузорӣ аз мавқеъҳои мухталиф зарур шуморида мешавад, махсусан вобаста ба: манобеи маблағгузорӣ ва шакли моликият, вобаста ба сохтори сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ дар доираи ҷанбаи пӯёӣ ва дар алоқамандӣ бо шохисҳои асосии ҷамъбастии асарбахшии фаъолияти иқтисодӣ. Омӯзиши маҷмуии иқтисодӣ-омории фаъолияти иқтисодӣ дар худ ҳам тавсифи ҳамаҷонибаи тарафҳои ҷудогонаи он ва ҳам таъсир ва арзёбии тамоюлҳои умумии марбут ба онро ҷой додааст (с. 94).

Дар диссертатсия зикр гардидааст, ки татбиқи гидро-иқтидори дарёҳои хурд дар баробари анҷоми сохтмон дар НБО-Роғун имкон медиҳад, ки ин минтақа аз истеъмолгари қувваи барқ ба содиркунандаи он ба дигар манотиқ мубаддал гарад ва ҳамзамон, фурсати истифодаи пурратари захираҳои минералӣ низ ба вуқуъ мепайвандад. Ҷумҳурии Тоҷикистон талош дорад то ба мустақилияти комили энергетикӣ ноил гардад, зеро маҳз дар натиҷаи фаъолиятнамоии онҳо кишвари мо метавонад амнияти энергетикиро дар кишвар таъмин намояд (с. 96).

Муаллиф ба чунин назар аст, ки муҳимтарин вазифаи равнақи минтақавӣ, мусоидатнамоии ҷалби ҷомеаи шаҳравндӣ ба ин фароянд маҳсуб меёбад. Барои фарҷоми ин кор, такмили қонунгузорӣ ва мутобиқсозии шароити ҳуқуқӣ барои шаҳрвандон баҳри қабул ва татбиқи масоили мубрами иҷтимоӣ зарур мебошад. Дар ҳоли ҳозир барои интихоби барномаҳои нисбатан муҳим, СМР барои давраи то соли 2030 ва инчунин татбиқи лоиҳаҳои миллӣ дар самти маориф ва тандурустӣ кумак хоҳанд намуд. Бо мақсади таҳрик ва пешрафти рӯзафзун, татбиқи таҷрибаи солҳои қаблӣ бо назардошти дар истеҳсолот вориднамоии дастовардҳои пешрафтаи илмӣ-техникӣ, ноил шудан ба рушди сареи иқтисод ва болоравии пайдарҳами сатҳи некуаҳволии кишвар зарур арзёбӣ мегардад.

Ба андешаи муаллиф, равнақи номувозини иқтисодӣ-иҷтимоии минтақаҳои кишвар яке аз навъҳои таҳдид ба амнияти иқтисодии кишвар дониста мешавад. Бо назардошти он ки ҳадафи иқтисодӣ-иҷтимоии равнақ

таъмини сатҳи шоиста ва сифати баланди зист ба шумор меравад, таъмини амнияти иқтисодӣ дар умум барои татбиқи сиёсати иқтисодии минтақавӣ дар асоси баҳисобгирии даққиқи талаботи аҳолии минтақаҳои кишвар, ҳолат ва пӯёи соҳаҳои истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ, инфрасохтор, манфиатҳои давлат, минтақаҳо ва корхонаҳои ҷудогона муҳим мебошад (с. 100-101).

Дар зербоби 2.3. муаллиф равнақи шакл ва методҳои дастгирии сармоягузории иқтисодӣ-иҷтимоии рушди НТҶ-ро мавриди таҳлил қарор додааст. Қайд гардидааст, ки бунёди иқтисоди миллӣ мувофиқи шарту шароити иқтисоди бозорӣ дар кишвар рушди босуръат ва густариши бахшҳои воқеии иқтисодро бар асоси истифодаи маҷмуӣ ва оқилонаи иқтидори захиравии кишвар ва минтақаҳои он тақозо менамояд, яъне диверсификатсияи истеҳсолоти миллӣ ва минтақавиро талаб менамояд (с. 110).

Ба андешаи муаллиф, муҳимтарин омили равнақи минтақаҳо ва махсусан бахши истеҳсолии онҳо, афзоиши мунтазаму босуръати маблағгузориҳо ба сармояи асосӣ маҳсуб меёбад, зеро аз ҳисоби ин шакли сармоягузорӣ сохтмони объектҳои мухталифи саноатӣ ва ғайрисаноатӣ дар ҳама минтақаҳои кишвар таъмин карда шуд. Дар чунин шароит бонкҳои тиҷоратии кишвар бояд ба унвони яке аз манобеъҳои муҳими дохилӣ дар самти маблағгузориҳо иқтисоди кишвар баромад намоянд. Тавре аз таҷрибаи кишварҳои пешсаф бар меояд, бонкҳо калидитарин ниҳоди молиявие мебошанд, ки лоиҳаҳои бузургро сармоягузорӣ менамоянд, бинобар ин, ба андешаи мо, бонкҳои тиҷоратии кишвар бояд дар ин самт фаъолияти бештар дошта бошанд (с. 116).

Муаллиф қайд менамояд, ки омӯзиши равнақи соҳибкории инфиродӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ гувоҳӣ аз он медиҳад, ки дар ин самт бояд вазифаҳои зерин ба сомон расонида шаванд: аввалан, бояд аҳолиро ҷиҳати машғул шудан ба фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ тавассути пешниҳоди кумакҳои методӣ, молиявӣ ва иқтисодӣ-ташкилӣ тарғибу ташвиқ намуд, сониян мақомоти маҳаллӣ, махсусан дар ноҳияҳои ҷудогона бояд дар коркард ва татбиқи барномаҳои ҳадафнок баҳри равнақи соҳибкории инфиродӣ ҳамчун манобеи зарурӣ барои афзоиши даромадҳои буҷетӣ фаъолияти қобили таваҷҷуҳ дошта бошанд (с. 119).

Дар боби сеюм “**Самтҳои асосии такмили механизми дастгирии сармоягузории сисёсати иқтисодӣ-иҷтимоии минтақаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**” муаллиф масъалаҳои такмилдиҳии механизмҳои дастгирии сармоягузориро дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст.

Дар зербоби 3.1. муаллиф масъалаҳои таъмини ташкилӣ-иқтисодии дастгирии сармоягузории рушди устувори минтақаро таҳлил намуда, иброз

доштааст, ки бо оғозёбии марҳилаи ташаккулёбии иқтисоди миллӣ тибқи талаботи модели бозорӣ дар ҳудуди ҷумҳурӣ ривоҷу равнақи ҳамаҷонибаи соҳаҳо ва бахшҳои воқеии иқтисодиёт ба воситаи истифодаи оқилонаи иқтидорҳои табиию захиравиро дар минтақаҳо тақозо менамуд, яъне бо гузариш ба пайраҳаи иқтисоди бозорӣ зарурияти таҳаввулоти ҷиддӣ дар иқтисоди миллӣ ва аз ҷумла дар бахши воқеӣ ба вуҷуд омад (с. 125).

Ба андешаи муаллиф, сиёсати сармоягузории давлат бояд тавассути кокарду мушаххаснамоии бастаи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзмикунандаи фаъолияти сармоягузорӣ таҷдиди назар карда шавад, ҳамчунин бояд маҷмуи чораҳое роҳандозӣ гарданд, ки дар таъсиси фазои мусоиди сармоягузорӣ муосидат намоянд, инчунин, ҳадафи онҳо бояд баҳри ҷалби сармоя ҷиҳати равнақи иқтисодӣ-иҷтимоӣ мебошад, нигаронида шуда бошад (с. 130).

Ба андешаи муаллиф, барои рушду равнақи минтақа ҷалби сармоя ниҳоят зарур арзёбӣ мегардад. Аз ин хотир, ҳукумати кишвар кӯшиш дорад то дар ин самт фаъол бошад ва тибқи маълумотҳои мавҷуда татбиқи лоиҳаҳои зикршуда, асосан мансуб ба заҳматҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Ҳукумати кишвар барои тавсеаи иқтисоди миллӣ маблағҳоро аз ҳар роҳу восита ҷалб намуда истодааст ва тавре аз таҳлилҳо бар меояд, маблағгузории ин лоиҳаҳо асосан аз ҳисоби донорҳо, сармоягузорони хориҷӣ, сармоягузориҳои давлатӣ ва бурсаҳо таъмин хоҳад гашт (с. 138-139).

Дар зербоби 3.2. муаллиф рушди механизми буҷетӣ-андозӣ дар таҳрики дастгирии сармоягузориҳо ва тавсеаи иқтисоди минтақаҳоро таҳлилу таҳқиқ намудааст. Ба андешаи муаллиф, дар шароити кунунӣ тақвиятёбӣ ва мустаҳкаму устуворгардии мавқеи иқтисодии минтақа ба тавсеаи сатҳи иқтисодӣ-иҷтимоии кишвар, дар умум метавонад мустақиман таъсири мусбӣ расонад. Илова бар он, мавзуи аслии иқтисоди минтақавӣ истифодаи оқилонаи захираи дар минтақа мавҷудбуда маҳсуб меёбад, зеро дар истифодаи самараноки захираҳо идоранамоии нисбатан босамари иқтисоди миллӣ таъмин хоҳад гашт (с. 141). Ба андешаи муаллиф, самарнок истифоданамоии иқтидорҳои мавҷудаи иқтисодӣ ва афзоишдиҳии мунтазами онҳо қисми таркибӣ ва ҷудоинопазири стратегияи давлатӣ дар доираи иқтисоди минтақавӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин фароянд накши муҳимро муносибгардонии муносибатҳои байнибуҷетӣ ва қабули қарорҳои хусусияти навгонидошта иҷро менамоянд, зеро ин қарорҳо ва муқарраротӣ дахлдор баҳри умқтаргардонии фаъолияти сармоягузорӣ дар ҳар як минтақа нигаронида шудаанд (с. 148).

Дар зербоби 3.3. муаллиф механизми давлатии такмилдиҳандаи фаъолияти сармоягузориҳо дар минтақаро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Муаллиф иброз намудааст, ки барои он ки ин ва ё он минтақа дар самти ҷалби сармоя фаъол бошад, бояд тавассути пешниҳоди имконот ҷолибияти

худро ба сармоягузорони эҳтимолӣ пешкаш гардонад. Барои густаришу тақвиятбахшии истифодаи оқилонаи захираҳои сармоягузорӣ, самаранок тақсимнамоии захираҳои сармоягузории дар ҷузвдони минтақаҳо мавҷудбуда, муҳимтарин масъала барои рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минтақаҳо арзёбӣ мегардад, аз ин ҷиҳат, таъсиси зернизомҳои самаранок тақсимбандикунандаи сармоя дар доираи механизми минтақавии сармоягузорӣ метавонад дар ҳалли мушкилоти мансуб ба бахши идоранамоӣ мусоидату созгорӣ намояд (с. 159).

Ба андешаи муаллиф, бояд ҳукумати кишвар ва сохторҳои дахлдори он дар симои вазорату кумитаҳо дар таъсиси намоишгоҳҳо дар дохили кишвар кӯшишҳои бештарро ба сомон расонанд. Инчунин, бояд алоқаи сохторҳои марбутаи давлатӣ бо тавлидкунандагони маҳсулоти ватанӣ ва корхонаҳои саноатӣ боз ҳам ҳамгиротар карда шавад. Яке аз роҳҳои ҷалби сармоя ба минтақаҳо ин роҳандозии намоишгоҳҳо ба ҳисоб меравад, ки дар ҷалби сармоя ба минтақаҳо ва тавсеаи иқтисодии онҳо мусоидат намояд, зеро дар ин намоишгоҳҳо маҳсулоти истеҳсолнамудаи минтақаҳо, иқтидори мавҷуда мавриди пешниҳоди сармоягузорони эҳтимолӣ қарор дода мешавад (с. 170).

Дар қисмати хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии тадқиқот ҷамъбаст гардида, тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо пешниҳод гардидаанд.

**6. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Натиҷаҳои бадастомадаи диссертатсияи Сафарзода С.С., дорои аҳаммияти баланди илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошанд ва метавонанд дар таҳкимбахшии механизмҳои дастгирии сармоягузории минтақавӣ нақши назаррас дошта бошанд. Аҳаммияти илмии таҳқиқот пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф моҳияти мафҳумҳои калидии сиёсати иқтисодии минтақавиро бо такя ба назариёти муосири идоракунӣ, таҷрибаи байналмилалӣ ва хусусиятҳои кишварҳои рӯ ба рушд муайян ва такмил кардааст. Ҷамъбасти назариявӣ ва методологии равандҳои ташаккули сармоягузории бо мақсади таъмини рушди сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа, гурӯҳбандии нишондиҳандаҳои арзёбӣ, таҳияи назарияҳо ва пешниҳоди назароти мушаххаси муаллиф таҳқиқоти ин самтро тақвият медиҳад.

Аҳаммияти амалӣ доштани натиҷаҳо дар он ифода меёбад, ки тавсияҳои муаллиф ба эҳтиёҷоти воқеии мақомоти иҷроияи ҳокимияти минтақа, сохторҳои идоракунии иқтисодӣ, мақомоти маҳаллӣ ва ниҳодҳои давлатӣ ҷавобгӯ мебошанд. Натиҷаҳои таҳлилӣ ва роҳҳои пешниҳодгардида барои такмили механизмҳои дастгирии сармоягузории минтақа, диверсификатсияи сохтори иқтисодӣ, коҳиши нобаробарии рушди ноҳияҳо, такмили механизмҳои ҳамоҳангсозӣ ва беҳсозии муҳити сармоягузорӣ метавонанд дар

амалия ҳамчун асос барои таҳияи стратегияҳо, барномаҳо ва қарорҳои идоракунӣ истифода шаванд.

**7. Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯи мавзуи диссертатсия.** Муқарраротӣ асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла дар 6 мақолаи дар маҷаллаю нашрияҳои тақризшавандаи тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чопшуда инъикос ёфтаанд.

**8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Сафарзода Сафармад Саид ба талаботи амалкунандаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, инчунин ба қоидаҳои барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудааст, пурра мутобиқ мебошад. Сохтор, ҳаҷм, тартиби пешниҳоди натиҷаҳои илмӣ, тарзи истинод ба манбаъҳо, пешниҳоди рӯйхати адабиёт ва китобшиносӣ, истифодаи ҷадвалҳо ва диаграммаҳо, инчунин талаботи техникӣ ва услубӣ риоя гардидаанд. Мундариҷаи диссертатсия ба таври мантиқӣ сохтманд буда, мақсад, вазифаҳо, объект, предмет, гипотеза, навоварии илмӣ, асоснокии методологӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот бамаврид ва мутобиқ ба стандартҳои байналмилалии тадқиқоти илмӣ ифода ёфтаанд.

Автореферати диссертатсия низ тибқи меъёрҳои муқарраргардидаи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, мазмуни асосӣ ва натиҷаҳои илмии диссертатсияро пурра инъикос мекунад. Ҳамаи қисматҳои диссертатсия ва автореферат бо меъёрҳои умумии расмият ва стандартҳои илмии ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мувофиқ мебошанд.

Новобаста аз сатҳи баланди коркарди назариявӣ ва таҳлилии диссертатсия, як қатор мавридҳо ҷой доранд, ки метавонанд баҳсбарангез ё ниёзманди амиқтарсозӣ ва дақиқгардонӣ бошанд.

1. Қисмати назариявии шаклҳои дастгирии давлатии сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа (зербоби 1.1.) бояд каме муфассалтар тавзеҳ дода мешуд. Муаллиф мебоист андешаҳои муҳаққиқон ва олимонро каме бештар ва возеҳтар мавриди ифшо қарор медод.

2. Бояд принсипҳои асосӣ ва омилҳои дастгирикунандаи сармоягузорӣ, ки баҳри рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа сафарбар гардидаанд, амиқтар тавзеҳ дода мешуданд (зербоби 1.2.).

3. Дар зербоби 1.3. муаллиф таҷрибаи хориҷии таъмини сармоягузории равнақи иқтисодӣ-иҷтимоии минтақаҳоро мавриди омӯзишу таҳлил қарор додааст. Беҳтар мешуд таҷрибаи давлатҳои ҳамсоя, ба монанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Қазоқистонро ба инобат мегирифт.

4. Баъзе ҷадвалҳо ба тавзеҳи бештар ниёз доранд. Дар боби 2 як қатор ҷадвалҳо мавҷуданд, ки муаллиф ба маълумот истинод мекунад, аммо шарҳи таҳлилӣ барои қисми нишондодҳои муҳим пурра нест (масалан, динамикаи ММM-и минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми солҳои 2019-2023).

5. Қисмати хулосаҳои бобҳои 1 ва 3 ниёз ба тавзеҳоти мукаммалтар ва натиҷагирии мантиқӣ доранд. Бояд хулосаҳо ва пешниҳодҳои муаллиф возеҳтар ва мушаххас бошанд.

6. Бояд дар зербоби 2.3. методҳои дастгирии сармоягузории иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа ва роҳу усулҳои тавсебахшии онҳо равшантар баён карда мешуд.

7. Беҳтар мешуд, агар муаллиф роҳҳои такмили механизми давлатии танзими фаъолияти сармоягузориро пурратар шарҳ дода, назари худро бобати беҳдошти вазъ бо далелҳои асоснок васеътар тавсиф медод.

8. Хуб мешуд, ки муаллиф ба масъалаҳои саводнокии сармоягузорӣ, сармоягузории сабз, рақамикунонии сармоягузорӣ ва идоракунии хавфи сармоягузорӣ диққати бештар зоҳир менамуд.

Эродҳои мазкур агарчӣ дар бархе мавридҳо ба зарурати дақиқсозӣ, тавсеа ё амиқсозии баъзе ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии тадқиқот ишора мекунанд, аммо онҳо хусусияти куллан маҳдудкунанда надоранд ва моҳияти илмӣ, арзиши методологӣ ва сатҳи баланди коркарди таҳқиқотро зери шубҳа намегузоранд.

Диссертатсияи Сафарзода Сафармад Саид фарогири масъалаи муҳим буда, он дорои аҳаммияти илмӣ ва амалӣ мебошад, таҳқиқоти фаромшуда ба такмили механизмҳои дастгирии сармоягузории сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа дар мисоли НТҶ бахшида шудааст. Мавзуъ дорои хосияти мубрами стратегӣ буда, бо ҳадафҳои миллии рушди дарозмуддат, аз ҷумла Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва барномаҳои иҷтимоиву иқтисодии кишвар ва минтақа ҳамоҳанг мебошад. Муаллиф тавонистааст масъалаи таҳқиқотиро аз се ҷиҳат: назариявӣ, методологӣ ва амалӣ ҳамаҷониба таҳлил намуда, ҷанбаҳои асосии сиёсати иқтисодии минтақавиро бозёфт намояд ва як қатор натиҷаҳои навоваронаи илмиро асоснок кунад. Натиҷаҳои бадастомада метавонанд барои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии НТҶ, вазорату идораҳои соҳавӣ, марказҳои таҳлилӣ ва сохторҳои масъул ҳамчун заминаи илмӣ, методологӣ ва амалии

такмили сиёсати иқтисодии минтақавӣ хизмат намоянд. Ҳамчунин, ин пажӯҳиш барои муҳаққиқон, устодони донишгоҳҳо ва донишҷӯёни таҳсилоти олӣ манбаи пуркиматест барои баргузории таҳқиқоти минбаъда дар соҳаи иқтисодиёти минтақавӣ.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Сафарзода Сафармад Саид дар мавзуи «Такмили механизмҳои дастгирии сармоягузории сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иктисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси номбурда мебошад.

**Муқаррizi расмӣ:**
**Муовини якуми Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон д.и.и., дотсент** **Ҳошимзода Ҳ.Ҳ.**

«30» 01 соли 2026

Суроға: 7347025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур,
кӯчаи Айнӣ, хонаи 55, ҳуҷраи 138
Телефон: (+992) 92-766-06-29
E-mail: homid_@mail.ru

Имзои муовини якуми Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳошимзода Ҳ.Ҳ.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ВМИҶТ Саъдуллозода Ш.

Суроға: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Нисормуҳаммад, 13а
Телефон:+992-227-76-86
E-mail: mort@maorif.tj

«30» 01 соли 2026